Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович дар мавзуи «Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Мавзуи интихобнамудаи Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович дар мавзуи «Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ ба масъалаи ниҳоят муҳими муҳити муосири таълиму тарбия иртибот дорад.

Дар раванди таҳқиқ унвонҷӯ кӯшиш намудааст, ки масъалаи рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавононро дар робита бо талаботи нави низоми миллии маориф ва таҷрибаи воқеии муассисаҳои таълимӣ мавриди омӯзиш қарор диҳад.

Фарҳанги иттилоотӣ воқеан дар ҷомеаи муосир нақши калидӣ дорад. Дар шароити афзоиши ҳаҷми иттилоот ва рушди босуръати технология, қобилияти дарёфт, таҳлил ва истифодаи самараноки иттилоот торафт муҳимтар мегардад. Фарҳанги иттилоотӣ на танҳо малакаҳои кор бо манбаъҳо ва воситаҳои гуногунро дар бар мегирад, балки тафаккури интиқодӣ, ҷанбаҳои ахлоқии истифодаи иттилоот ва қобилияти худтанзимкунӣ дар ҷараёни иттилоотро дар бар мегирад.

Муаллиф қайд мекунад, ки масъалаи фарҳанги иттилоотӣ воқеан як падидаи гуногунҷабҳа ва мураккабест, ки аз ҷониби олимони гуногун ва дар заминаҳои гуногун таҳқиқ карда мешавад. Ин тадқиқотҳо ба он нигаронида шудаанд, ки чӣ гуна иттилоот аз ҷониби шахс ё ҷомеа дар маҷмуъ қабул, коркард ва истифода мешавад. Иттилоот маълумотест, ки шахс коркард ва тафсир мекунад.

Автореферат бо риояи сохтори мантиқӣ тахия гардида, дар он ҳадаф, вазифаҳо, объект, предмет, гипотеза ва методология равшан ва дақиқ баён гардидаанд. Муаллиф дар оғози таҳқикот ҳадафи мушаххас — таҳқиқ ва муайянсозии шароити иҷтимоӣ-педагогии таъсиргузор ба хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетиро пеш мегузорад.

Мутобиқи ин ҳадаф, вазифаҳои илмӣ бо пайдарпайии мантиқӣ ҷудо гардида, аз омӯзиши заминаи назариявӣ ва ҳуқуқӣ то ташкили марҳилаҳои озмоишӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ фаро мегиранд.

Муаллиф дар ҷараёни кори худ аз маҷмуи васеи усулҳои илмӣ, аз ҷумла таҳлили манбаъҳои илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, пурсишномаҳо, мусоҳибаҳо ва озмоишҳои амалии педагогӣ истифода бурдааст.

Омӯзиши масъалаи рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ, махсусан дар муассисаҳои таълимӣ, дорои аҳамияти бузурги илмӣ ва амалӣ мебошад. Таҳқиқи таърихи пайдоиш, моҳият ва хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон мусоидат менамояд.

Фарҳанги иттилоотӣ дар ин замина қобилияти дарёфт, таҳлил ва истифодаи иттилоотро барои ҳалли вазифаҳои гуногун дар назар дорад. Фарҳанг мафҳуми мураккабтарест, ки меъёрҳо, арзишҳо, амалияҳо ва тарзи ҳаёти ҷомеаро фаро мегирад. Фарҳанги иттилоотӣ ҳамчун мафҳуми бунёдии фарҳанг малака, муносибат ва муносибати ҷомеаро ба иттилоот, инчунин тарзи ташкил ва интиқоли донишро дар бар мегирад.

Диссертатсияи Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович дар мавзуи «Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» таҳқиқоти илмии мустақили мукаммал мебошад, ки ба талаботи КОА ҷавобгӯ аст.

Тадкиқот барои илми педагогика ва амалияи мактабии кишвар арзиши воқеӣ дошта, метавонад ҳамчун замина барои таҳияи барномаҳо, дастурҳои методӣ хизмат кунад.

Диссертатсияи Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович дар мавзуи «Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» бо дарназардошти муҳтавои илмӣ, сохтори мантиқӣ ва натиҷаҳои назариявию амалӣ сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
мудири кафедраи педагогикаи
умумидонишгоҳии Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Нарзуллоев Ҳайбулло Саъдуллоевич

**Маълумот барои тамос:**
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи
Ф.Муҳаммадиев, 17/6. Тел: 777001800. E – mail: khabibullo79@mail.ru

Имзои Нарзуллоев Ҳайбулло Саъдуллоевичро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б. Ғ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА